**ТАҚРИЗ**

ба фишурдаи диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Забон яке аз падидаҳои мураккаби ҷамъиятист ва омӯзиши он бешак ба дарки комили печидагиҳояш кӯмак мерасонад.

Низоми забон масъалаҳои зиёдро дар бар мегирад, ки онҳо дар чаҳорчӯбаи шохаҳо ё худ зерсистемаҳояш омӯхта мешаванд. Аз ҷумла, дар доираи фонетика, луғатшиносӣ, грамматика, услубшиносӣ ва ғайра. Дар байни ин зерсистемаҳо бахше мавҷуд аст, ки ибораҳои тайёр ва устуворгаштаи забон – воҳидҳои фразеологиро меомӯзад ва он фразеология ном дорад. Ҳарчанд истилоҳи «фразеология» чун як шохаи забоншиносӣ дар гузаштаи начандон дур ба миён омадааст, новобаста ба ин, аллакай таҳқиқоти сершумор ва аз ҷиҳати нигоҳ, таҳлилҳо, андеша ва равия мухталиф таълиф гардидаанд. Забоншиносон аҳамияти баррасии масъалаҳои фразеологияро барои маърифати табиат ва вижагиҳои он дарк намуда, воҳидҳои фразеологиро беш аз пеш таҳлилу таҳқиқ намуда истодаанд.

Пажӯҳиши ҳама паҳлуҳои воҳидҳои фразеологӣ зарур ва муҳим аст. Аз ҷумла, сохтор, маъно, навъҳо, баромад, истифодаи онҳо дар адабиёти бадеӣ, нутқи шифоҳӣ, қабатҳои услубӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо. Зеро таҳқиқи масъалаҳои ҷузъӣ минбаъд ба ҳалли масоили кулли низоми фразеологӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна, ки дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳия гаштааст, далели гуфтаҳои болост. Зеро дар чаҳорчӯбаи муқоисаи воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чанд паҳлуи воҳидҳои фразеологӣ – сохтор, хосияти маъноӣ ва луғавии ду забони низомашон гуногун муайян гаштаанд, ки бешак дар омӯзиши минбаъдаи илми фразеология беаҳамият нахоҳад буд.

Интихоби мавзуъ саривақтӣ ва бисёр мубрам мебошад. Дар забоншиносии муосир ба таҳқиқи навъи луғавӣ-грамматикии исмии воҳидҳои фразеологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир нагардидааст ва ин аввалин таҳқиқотест, ки ба муқоисаи ҳамаи паҳлуҳои воҳидҳои

фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст, ки аз навоварии кори таҳқиқотӣ дарак медиҳад.

Сохтори диссертатсия мураккаб набуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Муқаддимаи диссетатсия тибқи талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ омода гардида, тамоми бандҳои дар низомнома КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардидаро фаро гирифтааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ» ном дорад, се масъалаи асосии фразеология дар се фасли он баррасӣ мегардад. Якум, пайдоиши назарияи фразеология ва рушди он. Дар ин боб диссертант, бахусус, ба таърихи омӯзиши фразеологияи забонҳои тоҷикиву англисӣ диққати махсус зоҳир намуда, корҳои анҷомдода ва дастовардҳои забоншиносони тоҷику рус ба мисли Ҳ.Маҷидов, Н.Н. Амосова, А.В. Кунин, А.И. Смирнитскийро қайд менамояд. Дуюм, фразеология чун як соҳаи мустақили забоншиносӣ баррасӣ гардида, ҳамчунин, сухан сари масъалаҳои баҳснок ва ҳалношудаи он меравад. Сеюм, бевосита шохаи ба мавзуи таҳқиқшаванда алоқадошта – омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, равшанӣ андохта мешавад. Хуб аст, ки диссертант дар боби мазкур масъалаҳои зикрёфтаро матраҳ намуда, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Чунки таҳлили адабиёти илмӣ, андешаи муҳаққиқон, назаре ба таърихи омӯзиши масъалаҳои марбут ба мавзуи мавриди назар шарти асосии кори таҳқиқотӣ мебошад, то ки консепсияҳо бозгӯӣ нагарданд ва дар рисола нигоҳи тоза ҷой дошта бошад.

Боби дуюми диссертатсия ба таҳлили сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, аз се фасл иборат мебошад. Диссертант масъалаи таҳлили сохториро аз тавсифи ин мафҳум ва назарияи забоншиносон оиди масъалаи таҳлили сохторӣ-грамматикӣ оғоз бахшида, сипас, дар тақвияти таҳқиқоти мавҷуда бо усули қолаббандӣ назари худро оиди таҳлили сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологӣ пешниҳод менамояд.

Аслонова Г., зимни таҳлили сохторӣ-грамматикӣ муайян менамояд, ки воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда дуҷузъа ва бисёрҷузъа мешаванд. Номбурда воҳидҳои фразеологии исмии дуҷузъаро дар навбати худ ба воҳидҳои фразеологии исмии дуҷузъаи пешоянддор ва бепешоянд тақсим менамояд.

Диссертант зикр менамояд, ки дар боби мазкур таҳлили сохторӣ-грамматикӣ аз рӯйи принсипи калимаи меҳварӣ ба роҳ монда шуда, бо ҳамин роҳ воҳидҳои фразеологии исмӣ қолаббандиву таҳлил гардидаанд.

Дар боби сеюм «Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бисёр масъалаҳои воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, воҳидҳои фразеологиии исмии асливу иқтибосӣ, сермаъноӣ, муродифшавӣ ва мутазодшавии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикиву англисӣ.

Масъалаи сарчашмаҳои иқтибосшавии воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои муқоисашаванда басо ҷолиб аст. Муаллиф кӯшидааст, то манбаҳои асосии иқтибосҳои фразеологиро бо мисолҳо нишон дода, раванди амалишавии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян намояд.

Дар идомаи масъалаи мазкур ҳодисаи бисёрмаъно шудан ва муродифу мутазод гаштани воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Чунонки маълум гашт, ин ҳодисаҳо, натанҳо бо лексика, инчунин, бо воҳидҳои фразеологӣ низ рӯй дода, дар байнашон алоқаи мухталифи семантикӣ – зидмаъноӣ ё ҳаммаъноӣ касб менамоянд. Диссертант сари ин масъалаҳо амиқу дақиқ фикррониӣ намуда, кӯшидааст ҳарчи бештар умумият ва алоқаи луғавию маъноӣ доштани воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашавандаро дарёфту муайян намояд. Таҳлилҳо ишора бар он мекунанд, ки маводи амалии таҳқиқот бо шумораи зиёд гирдоварӣ шуда, ҳамаҷониба омӯхта шудаанд ва ягон мақсаду вазифаҳои дар пешгузошташудаи муҳаққиқ ҳалношуда намондаанд.

Дар хотимаи диссертатсия муаллиф аз таҳлилу баррасии мавзуи мазкур хулосабарорӣ намуда, нуктаҳои асосии зимни омӯзиши мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба даст овардаро зикр менамояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақола инъикос гардидаанд, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳо бамаврид аст:

1. Дар доираи таҳқиқи хосиятҳои луғавӣ-маъноии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда масъалаи омонимҳои фразеологизмҳо матраҳ нагардидааст.

2. Дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар расиданд.

Эродҳои зикргардида ҷузъӣ буда, мазмуни асосии автореферетро намекоҳонанд.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори комилан анҷомрасида буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Директори пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ,
дипломатӣ ва масоили ҷаҳонишавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Бобозода О.О.

**Суроғаи муқарриз**: 734003 ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Телефон: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 917-09-02-99
E-mail: nargisbonu66@mail.ru